**ТАҚРИЗ**

*ба автореферати диссертатсияи Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзуи «Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)*

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзуи «Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи таълими физика таҳия шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Олимӣ А.Р. дар мавзуи «Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз чанд ҷиҳат мубрам мебошад. Пеш аз ҳама бояд гуфт, таҳқиқоти диссертатсионии ӯ дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси эъломияи Бистсолагии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф таълиф гардидааст. Сониян, бояд гуфт, ки соҳаи методикаи таълими физика дар кишвар воқеан соҳаи бисёр муҳим ва камтаҳқиқ ба шумор меравад. Умуман дар соҳаи методикаи таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон, мутаассифона, ангуштшуморанд. Масалан, дар соҳаи методикаи таълими математика дар кишвар ҳамагӣ 8 нафар мутахассиси дараҷаи илмии доктор бошанд, дар соҳаи методикаи таълими физика доктори илм нестанд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсия дар заминаи тағйироти куллӣ ва талаботи навини соҳаи маориф ва илм.

махсусан дар самти омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиӣ, аз аҳамияти калони илмию амалӣ бархурдор мебошад.

Бояд гуфт, ки то имрӯз дар кишвар таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ доир ба методикаи такмили корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физика ба назар нарасидааст. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқот дорои аҳамияти баланд буда, ба талаботи стратегии рушди соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар диссертатсия навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, таҳлили методологии аҳамияти корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар таълими фанни физика дар МТОК, дар мисоли Донишгоҳи давлатии Данғара ва Донишгоҳи миллииТоҷикистон баррасӣ гардида, вазифаҳои гузошташуда мантиқан дуруст муайян гардидааст.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оид ба самарнокии татбиқи модели озмоишгоҳи виртуалӣ ва моделсозии компютерӣ дар фанни физикаи самти нав буда аз ҷониби субъектони таълим дар тарҳрезии муҳтавои таълим метавонанд бомуваффақият татбиқ карда шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзуи «Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ

(физика) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Тақризнавис:**

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи математика ва информатикаи
МД «Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Азимова Н.С.

05.09.2025

Суроға: 735000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
Маҳаллаи 4-5, кӯчаи Ваҳдати миллӣ, ҳавлии 30.
Телефон: (+992) 92-707-71-07.
E-mail: nazira-tgu@ mail.ru

Имзои Азимова Н.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шубаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МД «Донишкадаи
байналмилалии Хуҷанд»-и
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳимов Н.И.

Суроға: 735716, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
Тел: +992 37 234 88 02;
E-mail: bitesk_ips@mail.ru

06 09 соли 2025

# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзӯи “Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмиҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)*

**Баҳогузорӣ ба муҳимии мавзуъ:** Мавзӯи тадқиқотии кори мазкур ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи таълими илмҳои дақиқ, яъне такмил додани методикаи гузаронидани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физика бахшида шудааст, ки дар замони пешрафти илму техника, хусусан технологияи иттилоотӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намудааст. Масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додаи муаллиф ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ дорои аҳамияти назариявию амали мебошад.

Дар қисми муқаддимавии автореферат муҳимии мавзӯъи тадқиқот асоснок карда шуда, мақсади кор ва вазифаҳое, ки мувофиқи он ҳал кадан лозим меояд оварда шудааст. Қайд карда шудааст, ки иҷрои корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ, на танҳо як ҷузъи муҳими ҷараёни таълим дар физика мебошанд, балки воситаи рушди малакаҳои амалӣ ва тафаккури илмии донишҷӯ низ мебошанд.

**Ҳадафи асосӣ** дар такмил додани усулҳои гузаронидани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ тавассути истифодаи васеи моделҳои компютерӣ дар таълими фанни физика дар мактабҳои олӣ. Вазифаҳои таҳқиқот барои амалишавии мақсади тадқиқот муайян карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ин вазифаҳо амалӣ гардидаанд.

1. **Аҳамияти амалӣ ва назариявии мавзӯъи тадқиқот** ба рушди таълими физика дар мактабҳои олӣ мувофиқат мекунад;
2. **Муайян ва амиқ таҳлил намудани вазъи кунунии масъала** дар асоси омӯзиши манбаъҳои зиёди илмӣ ва методии мавҷуда анҷом дода шудааст;
3. **Пешниҳод кардани методикаи такмилёфтаи таълими корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ** аз физика дорои арзиши зиёди амалӣ ва методӣ мебошад ва дар таълими физика физика дар мактабҳои олӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст;
4. **Натиҷаҳои мушаххаси таҷрибавӣ** аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дуруст истифода шудаанд;
5. **Услуби илмӣ-академӣ ва меъёрҳои расмии таҳияи кори илмӣ риоя гардидааст**. Муаллиф барои истифодаи васеи корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар амал ба устодон тавсияҳои мушаххас пешниҳод намудааст, ки барои тайёр намудани кадрҳои тфаккури техникӣ дошта мусоидат

мекунанд. Моделҳои мавриди тадқиқи муаллиф ҷойгиршуда ҳамаи қисмҳои физикаро дар бар мегирад ва характери умимӣ дорад.

Моделҳои омӯхтаи муаллиф дар кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара ва факултети физикаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон васеъ истифода шуда истодаанд. Методика такмилёфтаи пешниҳодшуда ба баланд бардоштани сифати таълими физика, фаъолгардонии донишҷӯён дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар автореферат баъзе хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, аммо ба мазмуну муҳтавои илмӣ ва методии кор таъсир намекунанд.

**Баҳогузории муҳимии кори таҳқиқотӣ (рисолаи докторӣ):**

Шиносои бо автореферат ба хулосае меорад, ки муҳтавои илмӣ, навгонии илмии кор, аҳамияти илмию амалии он дар сатҳи баланд ҷой дорад ва ба ҳамаи талаботи имруза ба кори докторӣ ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлил ва баррасии натиҷаи таҳқиқот ба хулосае меорад, ки мавзӯи таҳқиқот, навгонӣ ва натиҷаи ниҳоии илмии корҳои ба сомонрасонидашудаи муҳаққиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Олимӣ Ашуралӣ Рамазон ба дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ сазовор дониста шавад.

*Муқарриз: доктори илмҳои физикаю математика, профессор, сарходими илмии Институти илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Солеҳов Тағоймурод Ҳаитович*

*Сурога: ш.Душанбе, кӯчаи Рудакӣ 17, ДМТ.*

*Имзои Солеҳов Т.Ҳ..-ро тасдиқ менамоям:*
*Сардори бахши ҳуқуқ ва кадрҳо:* *Раҳматуллоева З.Ҳ.*

11. 09. 2025

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзуи «Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02 - Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика) пешниҳод гардидааст

Мавзуи диссертатсияи Олимӣ А.Р. аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим буда, ба масъалаи мубрами такмил ва оптимизиронии методикаи корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Бо назардошти он ки таълими физика дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ тағйир меёбад, пешниҳоди усулҳои муосири озмоишгоҳи виртуалӣ ва моделсозии компютерӣ дорои аҳамияти калони педагогӣ мебошад.

Сохтори диссертатсия муназзам буда, ба талаботи илмии КОА ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои асосҳои назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ буда, бо истифода аз маҷмӯи васеи усулҳои тадқиқотӣ (назариявӣ, эмпирикӣ, оморӣ) анҷом дода шудааст. Муаллиф ба омӯзиши таҷрибаи мактабҳои олӣ ва миёна такя намуда, моделсозии компютерӣ ва озмоишгоҳҳои виртуалиро ҳамчун унсурҳои навини методикаи таълими физика мавриди таҳлил қарор додааст.

Нововарии илмии диссертатсия дар таълиф ва асосноккунии истифодаи системавии корҳои таҷрибавии виртуалӣ ва моделсозии компютерӣ дар факултетҳои физика ифода ёфтааст. Муаллиф нишон додааст, ки чунин усулҳо на танҳо имконияти азхудкунии назарияро меафзоянд, балки малакаҳои эҷодӣ, қобилияти мустақилона таҳқиқ намудан ва шавқу ҳаваси донишҷӯёнро низ рушд медиҳанд.

Натиҷаҳои тадқиқот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан факултетҳои физика, аҳамияти муҳим доранд. Истифодаи озмоишгоҳи виртуалӣ ва тахтаи интерактивӣ ба раванди таълим имкониятҳои нав

мебахшад ва метавонад сифати омодасозии мутахассисони соҳаро беҳтар намояд.

Бо вуҷуди аҳамияти баланд доштан, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд: дар баъзе қисмҳо такрори афкор ва зиёдии тавзеҳот дида мешавад; баррасии таҷрибаи байналмилалӣ нисбатан маҳдуд аст ва бештар ба шароити дохилӣ такя шудааст; баҳодиҳии муқоисавӣ байни озмоишгоҳи воқеӣ ва виртуалӣ метавонад боз ҳам амиқтар таҳия шавад. Ин камбудиҳо хислати куллӣ надоранд ва ба арзиши илмии кор таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати пешниҳодшуда ба тамоми талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, дорои нововарӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 - Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика) мебошад.

Доктори илмҳои физикаю математика,
профессори кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Абдуллозода Ҳ.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

12. 09. 2025

**ТАҚРИЗ**

*ба автореферати диссертатсияи Олимӣ Ашуралӣ Рамазон дар мавзуи “Методикаи такмил додани корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ дар факултетҳои физикаи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмиҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)*

**Баҳогузорӣ ба мубрамияти мавзуъ:** Мавзуи таҳқиқотии мазкур ба омӯзиши масъалаи мубрами соҳаи таълими илмҳои дақиқ, махсусан фанни физика бахшида шудааст, ки дар замони муосир аҳамияти назаррас пайдо намудааст, зеро эълон гардидани  солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»  гувоҳи ин гуфтаҳоянд.  Бинобар ин, мавзӯи таҳқиқот ба ниёзҳои воқеии рушди сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар самти такмили усулҳои таълими корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ буда, масъалаи мавриди таҳқиқ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ дорои аҳамияти хоса мебошад.

Муҳаққиқи рисолаи докторӣ масъалаи такмили методикаи баргузории корҳои лабораторӣ ва таҷрибавиро дар факултетҳои физикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ ва ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст. Таҳқиқот дар асоси таҳлили васеи адабиёти илмӣ, таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимии кишвар, ҳамзамон таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ ва инчунин бо истифода аз таҳлилҳо, ки муаллиф худ анҷом дода шудааст, ба роҳ монда шудааст. Дар қисми муқаддимавии автореферат муҳиммияти мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳолати кунунии масъала, зарурати такмили усулҳои таълим ва саҳми корҳои лабораторӣ дар рушди мафкураи илмии донишҷӯён таҳлил шудааст. Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ, на танҳо як ҷузъи муҳими ҷараёни таълим мебошанд, балки воситаи муассири рушди малакаҳои амалӣ ва тафаккури илмии донишҷӯ

дониста мешаванд. Муҳаққиқ ҳадаф ва вазифаҳои рисоларо дақиқ муайян намудааст.

**Ҳадафи асосӣ** дар такмил бахшидан ба усули таълими корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ тавассути ворид намудани унсурҳои нав, истифодаи усулҳои муосири таълим ва васеъ намудани фаъолиятҳои таҳқиқотии донишҷӯён мебошад. Вазифаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ ва пайдарпай муайян шудаанд ва ҳар кадомашон дар ҷараёни таҳқиқот амалӣ гардидаанд.

1. Қисмати асосии кори илмӣ дар баррасии масоили назариявии таълими физика, аҳамияти корҳои амалӣ ва нақши онҳо дар ташаккули малакаҳои касбии донишҷӯён, ҳамчунин таҳлили ҳолати кунунии раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар равона шудааст. **Аҳамияти амалӣ ва назариявии мавзӯъ** ба талаботи замон ва рушди таълими фанҳои дақиқ, махсусан физика мувофиқат мекунад;
2. **Муайян ва амиқ таҳлил намудани вазъи кунунии масъала** дар асоси манбаъҳои муътамади илмӣ ва таҳқиқоти амалии муҳаққиқ анҷом дода шудааст;
3. **Пешниҳод кардани методикаи такмилёфтаи таълими корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ** дорои арзиши амалӣ ва имконияти татбиқи васеъ мебошад;
4. **Натиҷаҳои мушаххаси таҷрибавӣ** дуруст ва бо асосҳои илмӣ дастгирӣ ёфтаанд;
5. **Услуби илмӣ-академӣ ва меъёрҳои расмии таҳияи кори илмӣ риоя гардидааст**. Муаллиф маълумоти ҷамъоваришуда ва таҳлили натиҷаҳои назариявию амалӣ, тавсияҳои мушаххас ва асоснок пешниҳод намудааст, ки барои такмил додани ҷараёни таълим мусоидат мекунанд, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳлилҳои муқоисавии ҷолиб анҷом дода шуда, модел ва алгоритми такмилёфтаи методикаи корҳои лабораториро пешниҳод кардааст. Ин моделҳо ба хусусиятҳои миллӣ ва захираҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ

гардонида шудаанд, ки ин аз воқеӣ будан ва имкони амалигардонии натиҷаҳо дарак медиҳад.

Дар қисми таҷрибавии кори илмӣ натиҷаҳои санҷишӣ оид ба татбиқи усулҳои пешниҳодшуда оварда шудаанд, яъне пойгоҳи асосии таҳқиқот ихтисосҳои кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара ва факултети физикаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон мебошанд. Натиҷаҳои бадастомадаи озмоишҳои педагогӣ гувоҳи онанд, ки истифодаи методикаи такмилёфтаи пешниҳодшуда ба баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши донишҷӯён, фаъолгардонии раванди таълим ва инкишофи малакаҳои таҳқиқотии онҳо мусоидат менамояд.

Новобаста аз баъзе хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ автореферати диссертатия тибқи талабот бо дарҷи мазмуну муҳтавои кори илмӣ пешниҳод гардидааст.

**Баҳогузории мубрамияти кори таҳқиқотӣ (рисолаи докторӣ):**

Бо дарназардошти муҳтавои илмӣ, наввоварӣ, аҳамияти амалӣ ва сатҳи баланди иҷрои таҳқиқот, метавон хулоса кард, ки мавзӯи зери таҳқиқ қароргирифтаи муҳаққиқ ба ҳамаи талаботи марбута ҷавобгӯ буда, худи рисола сазовори баҳодиҳӣ дар сатҳи рисолаи докторӣ мебошад.

Таҳлил ва баррасии натиҷаи таҳқиқот ба хулосае меорад, ки мавзуи таҳқиқот, навгонӣ ва натиҷаи ниҳоии илмии корҳои ба сомонрасонидашуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Олимӣ Ашуралӣ Рамазон метавонад сазовори дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ дониста шавад.

*Муқарриз:*
*доктори илмҳои физикаю математика,*
*академики АМИТ, профессор* Раҳимӣ Фарҳод Қодир

13.11.2025

*Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Варзишгарон, 6.*

*Имзои Раҳимӣ Ф.Қ.-ро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо: Назарзода Д.*